Тасдиқ мекунам,
Раиси Шӯро - Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон, Эмомалӣ Раҳмон

***Имзо***
«4» марти соли 2020

**ПРОТОКОЛИ №22-3/114**
**ҷаласаи XX Шӯрои машваратии назди**
**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар**
**намудани фазои сармоягузорӣ аз 12 феврали соли 2020**

**Дар ҷаласа аъзои Шӯрои машваратӣ ва шахсони даъватшуда иштирок карданд.**

**Рӯзномаи ҷаласа:**

1. Оид ба рафти иҷрои қарорҳои Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ.
2. Муаррифии натиҷаҳои таҳлил оид ба рушди кластерӣ дар соҳаи агросаноатӣ.
3. Оид ба пешниҳод ва баррасии масъалаи “Таҳлили вазъи соҳаи саноати кишвар ва муайян намудани имкониятҳои нави баланд бардоштани иқтидорҳои соҳа” дар ҷаласаи навбатии Шӯро.

Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷаласаи XX Шӯрои машваратиро оғоз намуда, қайд карданд, ки дар доираи фаъолияти Шӯро, ки то имрӯз бист ҷаласаи он баргузор гардидааст, дар самти беҳсозии фазои соҳибкориву сармоягузорӣ ислоҳоти назаррас амалӣ гардида, ҷиҳати ҳалли мушкилоти бахши хусусӣ як силсила қарорҳои дахлдори Шӯро ва Ҳукумати мамлакат қабул карда шуданд.

Ҳамзамон, амалисозии ислоҳоти иқтисодӣ дар самтҳои алоҳида, аз ҷумла ҷиҳати соддагардонии расмиёти маъмурӣ ва паст намудани хароҷоти соҳибкорон, таҳкими муколамаи давлат ва бахши хусусӣ дар сатҳи маҳал, баланд бардоштани масъулият ва арзёбии фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо дар самти ҷалби сармояи дохиливу хориҷӣ, дастрасии иҷозат барои сохтмон, пайвастшавӣ ба шабакаҳои барқ, таъсиси корхонаву коргоҳҳо ва ҷойҳои кории нав, инчунин тавсеаи корҳои фаҳмондадиҳӣ

оид ба имтиёзҳои фароҳамовардаи Ҳукумати мамлакат муҳим арзёбӣ гардид.

**Оид ба масъалаи якуми рӯзномаи ҷаласа** гузориши котиби масъули Шӯро, раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳамрализода Фаррух шунида шуд.

Қайд гардид, ки Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ якҷоя бо Котиботи Шӯрои машваратӣ раванди иҷрои қарорҳои Шӯро ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии тибқи онҳо қабулнамудаи Ҳукумати ҷумҳуриро таҳти назорат ва мониторинги доимӣ қарор дода, натиҷаҳои онро ба ҷаласаҳои Шӯро мунтазам пешниҳод менамоянд.

Қарорҳои ҷаласаи нуздаҳуми Шӯро ба баланд бардоштани мавқеи кишвар дар арзёбиҳои байналмилалӣ тавассути татбиқи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, баррасӣ ва ҳалли саривақтии масъалаҳои соҳибкорону сармоягузорон, такмили низоми андозбандию гумрукӣ ва арзёбии самаранокии имтиёзҳои пешниҳодшаванда, мусоидат ба рушди соҳаҳои парандапарварӣ ва моҳипарварӣ, тақвият бахшидани фаъолияти шӯроҳои минтақавии сармоягузорӣ, беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар соҳаҳои маориф, иттилоотию телекоммуникатсионӣ, инчунин рушди кластерҳои агросаноатӣ равона шуда буданд. Дар натиҷаи тадбирҳои амалигардида Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арзёбии ҳисоботи “Пешбурди соҳибкорӣ”-и Бонки Умумиҷаҳонӣ дар байни 190 кишвари ҷаҳон ба даҳгонаи аввали давлатҳои ислоҳотгари пешсафи дунё шомил гардида, мавқеи худро дар арзёбии мазкур 20 зина боло намуд.

23 январи соли 2020 дуюм маротиба мақоми кишвар оид ба мутобиқат ба стандартҳои умумиҷаҳонии Ташаббуси шаффофияти соҳаҳои истихроҷ эътироф гардид.

Инчунин, оид ба ҷараёни татбиқи имтиёзҳои андозӣ дар соҳаҳои маориф, сохтмон, парандапарварӣ, моҳипарварӣ, чорводорӣ, бақайдгирии ройгони соҳибкорони инфиродие, ки ба истеҳсоли молҳои ниёзи мардум дар хона машғуланд, оғози фаъолияти Маркази “Равзанаи ягона, мониторинг ва кадастри шаҳрсозӣ” дар шаҳри Душанбе, дар реҷаи онлайн роҳандозӣ шудани қабули аризаи шаҳрвандон барои пешниҳоди шартҳои техникӣ ҷиҳати пайвастшавӣ ба шабакаи таъмини қувваи барқ ва натиҷаҳои онҳо қайд карда шуд.

Дар ин росто Пешвои миллат зикр намуданд, ки ислоҳот танҳо вақте самарабахш буда метавонад, ки пайдарҳам пеш бурда шавад ва ҳадафҳои пешбинигардида сари вақт амалӣ карда шуда, соҳибкорону сармоягузорон таъсири мусбати ислоҳотро ба таври возеҳ эҳсос намоянд. Дар баъзе мавридҳо мувофиқасозии лоиҳаҳои нақшаи чорабиниҳо ва қарорҳои дахлдор вақти зиёдро гирифта, ба татбиқи ислоҳот монеа мегардад ва зарур аст, ки чунин камбудиҳо ҳарчи зудтар бартараф карда шаванд.

**Тибқи банди дуюми рӯзномаи ҷаласа** вазири кишоварзӣ Салимзода Амонулло вобаста ба натиҷаҳои таҳлил оид ба рушди кластерӣ дар соҳаи агросаноатӣ баромад карда, аз ҷумла лоиҳаҳои Консепсия ва Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати мамлакат ҷиҳати ташкили занҷираи арзиши иловашудаи маҳсулоти ниҳоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро муаррифӣ намуд.

Сарвари давлат иброз доштанд, ки Тоҷикистон кишвари аграрию саноатӣ буда, ба кишвари саноатию аграрӣ табдил додани он аз ҷумлаи ҳадафҳои стратегии Ҳукумати мамлакат мебошад. Яке аз роҳҳои амалисозии ҳадафи мазкур ташкил ва рушди занҷираи арзиши иловашуда то маҳсулоти ниҳоӣ дар бахши агросаноатӣ буда, метавонад ба беҳсозии таъмини аҳолии кишвар бо неъматҳои моддӣ, рушди мутавозини иқтисодӣ, баланд бардоштани рақобатнокии иқтисоди миллӣ тавассути роҳу усулҳои мукаммалтари ташкили идоракунии равандҳои хоҷагидорӣ мусоидат намояд.

**Зимни муҳокимаи масъалаи ниҳоии рӯзномаи ҷаласа** вазири саноат ва технологияҳои нав Файзуллозода Заробиддин мавзӯи таҳлили вазъи соҳаи саноати кишвар ва муайян намудани имкониятҳои нави баланд бардоштани иқтидорҳои соҳаро барои баррасӣ ба ҷаласаи навбатии Шӯро пешниҳод намуд.

Дар музокироти масъалаҳои рузномаи ҷаласа роҳбари намояндагии Бонки Умумиҷаҳонӣ дар Тоҷикистон Ян Питер Олтерс, роҳбари намояндагии Агентии Олмон оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ дар Тоҷикистон Сабине Олтҳоф, роҳбари намояндагии Барномаи озуқаворӣ ва кишоварзии СММ дар Тоҷикистон Олег Гучгелдиев, роҳбари ҶДММ “Ресандаи Тоҷикистон” Равзабону Негматуллоева, роҳбари Ассотсиатсияи миллии истеҳсолкунандагони шир ва маҳсулоти ширӣ Шомуродов Умед баромад карда, андешаҳои худро баён намуданд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шӯрои машваратӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷаласаро ҷамъбаст намуда, вобаста ба нуктаҳои зикргардида ба вазорату идораҳо, масъулин ва шарикони рушд дастуру супоришҳо ва тавсияҳои зерин доданд:

1. Вазоратҳои адлия, рушди иқтисод ва савдо, молия, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ва Бонки миллии Тоҷикистон якҷо бо дигар вазорату идораҳо бо мақсади соддагардонии расмиёти соҳибкорӣ ва дар ин замина таъмини фазои мусоиди сармоягузорӣ, инчунин такмили заминаи қонунгузорӣ дар ин самт, корҳоро оид ба ташаккули ҳукумати электронӣ ва роҳандозии иқтисодиёти рақамӣ дар ҷумҳурӣ тақвият бахшанд.

2. Вазоратҳои адлия, энергетика ва захираҳои об, рушди иқтисод ва савдо, кумитаҳои давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, идораи замин ва геодезӣ, кумитаҳои андоз, меъморӣ ва сохтмон, Хадамоти гумрук, Бонки миллии Тоҷикистон, ШСХК

“Барқи Тоҷик”, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳо:

- вобаста ба истифодаи самаранок ва татбиқи пурраи низоми автоматикунонидашудаи феҳристи электронии гарави амволи манқул ва ғайриманқул, расмиёти электронӣ дар доираи низомҳои “Равзанаи ягона” оид ба бақайдгирии субъектҳои соҳибкорӣ, амволи ғайриманқул, иҷозат барои оғози корҳои сохтмонӣ, расмиёти содирот, воридот ва транзити молҳо, пайвастшавӣ ба шабакаҳои барқ тадбирҳои зарурӣ андешида, ҳар нимсола ба Ҳукумати мамлакат маълумот пешниҳод намоянд;
- дастурамал ва номгӯи хизматрасониҳо, нархномаву маълумотномаҳои заруриро таҳия намуда, тавассути сомона ва дигар воситаҳои иттилоотӣ дар муҳлати кӯтоҳтарин ва мунтазам дастраси аҳолӣ ва соҳибкорон гардонанд.

3. Вазоратҳои адлия, рушди иқтисод ва савдо, молия, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Бонки миллии Тоҷикистон:

- санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти сармоягузориро, ки аз ҷониби гурӯҳи кории байниидоравӣ таҳия карда шудаанд, якҷо бо тағйиру иловаҳо ба қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ” ва “Дар бораи ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд” тибқи тартиби муқарраргардида ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намоянд;
- ҷиҳати мукаммал гардонидани заминаи қонунгузории муфлисшавӣ (пардохтнопазирӣ) ва роҳандозии низоми муосири он, санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдорро тибқи таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ таҳия ва ба Ҳукумати кишвар манзур намоянд.

4. Вазорати рушди иқтисод ва савдо якҷо бо Хадамоти гумрук ва вазорату идораҳо ҷиҳати татбиқи пурраи низоми “Равзанаи ягона” оид ба расмиёти содирот, воридот ва транзити молҳо чораҳои зарурӣ андешида, ба Ҳукумати кишвар ҳисобот манзур намоянд.

5. Кумитаи меъморӣ ва сохтмон якҷо бо Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, вазорату идораҳои дахлдор, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо низоми “Равзанаи ягона”-ро оид ба гирифтани иҷозат барои оғози корҳои сохтмон ҳарчи зудтар таъсис дода, оид ба натиҷаи фаъолият дар ин самт ҳар нимсола ба Ҳукумати мамлакат ҳисобот манзур намояд.

6. Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ якҷо бо Кумитаи рушди маҳал, Агентии омор, вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳо дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд ҷиҳати мунтазам гузаронидани рейтинги миллии фазои сармоягузорӣ ва ҷамъбасти натиҷаҳои он тадбирҳои зарурӣ андешанд.

7. Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Котиботи Шӯрои машваратӣ, вазорату идораҳои дахлдор ва

мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо ҷиҳати татбиқи арзёбии "Пешбурди соҳибкорӣ" дар сатҳи маҳал ба тариқи таҷрибавӣ дар баъзе шаҳру ноҳияҳо аз рӯи якчанд нишондиҳандаи асосӣ, аз ҷумла бақайдгирии фаъолияти соҳибкорӣ, гирифтани иҷозат барои сохтмон, пайвастшавӣ ба шабакаҳои барқ ва бақайдгирии молу амволи ғайриманқул чораҷӯӣ намоянд.

8. Вазорати кишоварзӣ, кумитаҳои ҳифзи муҳити зист, бехатарии озуқаворӣ якҷо бо сохторҳои дахлдор бо мақсади фароҳам овардани заминаҳои татбиқи стандартҳои байналмилалӣ, аз ҷумла "ГЛОБАЛ ГЭП", "Номгӯи моддаҳои химиявие, ки истифодаашон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шудааст" дар таҳрири нав таҳия ва барои тасдиқ ба Ҳукумати ҷумҳурӣ пешниҳод намоянд.

9. Вазорати кишоварзӣ якҷо бо Вазорати саноат ва технологияҳои нав, вазорату идораҳои дахлдор лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба ташкил ва рушди занҷираи арзиши иловашуда то маҳсулоти ниҳоии агросаноатӣ бо дарназардошти пешниҳоди дар ҷаласаи имрӯза баёнгардида такмил дода, тибқи тартиби муқарраргардида ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намоянд.

10. Вазоратҳои кишоварзӣ, саноат ва технологияҳои нав, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо якҷо бо сохторҳои дахлдор дар ҳамкорӣ бо Ассотсиатсияи миллии истеҳсолкунандагони шир ва маҳсулоти ширии Тоҷикистон вобаста ба масъалаҳои ба роҳ мондани фаъолияти хоҷагиҳои зотпарварии муосир, хушзотикунонӣ ва солимияти чорвои субъектҳои хоҷагидор ва аҳолӣ бо назардошти минтақабоб намудани онҳо, ворид намудани таҷҳизотҳои коркарди шир, роҳандозии он дар деҳот ва минтақаҳои дурдасти ҷумҳурӣ, инчунин тавассути кластерҳои агросаноатӣ тадбирҳои зарурӣ андешанд.

11. Вазоратҳои молия, кишоварзӣ, рушди иқтисод ва савдо, саноат ва технологияҳои нав, кумитаи андоз, Хадамоти гумрук вобаста ба пешниҳоди имтиёзҳои андозию гумрукӣ ба хоҷагиҳои зотпарварӣ таклифҳои мушаххас манзур намоянд.

12. Вазорати саноат ва технологияҳои нав якҷо бо вазоратҳои кишоварзӣ, рушди иқтисод ва савдо, корҳои хориҷӣ, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Кумитаи рушди маҳал, Агентии содирот, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳо доир ба интихоби минтақаҳо тибқи занҷираи "ашёи хом - истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ - дарёфти бозори фурӯш" тадбирҳои зарурӣ андешанд.

13. Вазорати саноат ва технологияҳои нав:

- бо мақсади коҳиш додани вобастагии бозори дохилӣ аз маҳсулоти воридотӣ барои тақвият бахшидани фаъолияти корхонаҳои саноати хӯрокворӣ, нассоҷӣ, коркарди пилла ва пӯст тадбирҳои зарурӣ андешад;

- якҷо бо Котиботи Шӯрои машваратӣ аз ҳисоби намояндагони вазорату идораҳои дахлдор, бо ҷалби шарикони рушд ва бахши хусусӣ барои таҳлили вазъи соҳаи саноати кишвар ва муайян намудани имкониятҳои нави баланд бардоштани иқтидорҳои соҳа ва таҳияи тавсияҳои мушаххас вобаста ба он гурӯҳи корӣ таъсис дода, натиҷаҳои онро ба ҷаласаҳои навбатии Шӯрои машваратӣ манзур намоянд.

14. Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати дастрасии аҳолии деҳот ва шаҳру ноҳияҳои дурдасти мамлакат ба қарзҳои хурд бо фоизҳои мусоид нақшаи чорабиниҳо таҳия ва татбиқи онро таъмин намояд.

15. Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Агентии содирот якҷо бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳо ҷиҳати баланд бардоштани малакаи соҳибкорон дар самти омода намудани нақшаҳои пешбурди фаъолият ва содироти маҳсулот мунтазам чораҷӯӣ намояд.

16. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳо бо истифода аз имконияту захираҳои мавҷуда барои ҷалби сармояи дохиливу хориҷӣ ба таври доимӣ чораҷӯӣ карда, мунтазам ба Ҳукумати мамлакат ҳисобот манзур намоянд.

17. Вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо:

- ҷиҳати иҷрои пурра ва саривақтии супоришҳои протоколии Шӯро ва нақшаи чорабиниҳои қабулшуда, муносибати ҷиддӣ намуда, ҳангоми таҳия ва мувофиқасозии санадҳо пешниҳоди бахши хусусиро ба эътибор гиранд;
- корҳоро дар самти боз ҳам содда намудани расмиёти ҳуҷҷатгузорӣ, аз байн бурдани монеаҳои сунъӣ ва кам кардани хароҷоти иловагии соҳибкорону сармоягузорон мунтазам тақвият диҳанд.

18. Котиби масъули Шӯро якҷо бо Котиботи Шӯрои машваратӣ ҷиҳати таҳким бахшидан ва самаранок ба роҳ мондани фаъолияти шӯроҳои машваратии вилоят ва шаҳру ноҳияҳо тадбирҳои заруриро амалӣ намояд.

19. Ба шарикони рушд тавсия дода мешавад, ки:

- дар таҳияи лоиҳаи Кодекси андоз дар таҳрири нав ҳамаҷониба мусоидат намоянд;
- барои коркарди ҳарчи бештари ашёи хом то маҳсулоти ниҳоӣ, бастабандӣ, содирот, воридоти таҷҳизот ва технологияи муосир ба соҳибкорон дастгирии молиявию техникӣ намоянд;
- ҷиҳати татбиқи арзёбии “Пешбурди соҳибкорӣ” дар сатҳи маҳал ба тариқи таҷрибавӣ ҳамкориро бо Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ва Котиботи Шӯрои машваратӣ, инчунин, ҷиҳати тавсеаи имкониятҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар масъалаҳои ҷалби сармояи хусусӣ, коҳиш додани сатҳи расмиётҳо бо мақсади сарфаи вақт ва хароҷоти соҳибкорону сармоягузорон густариш диҳанд.

20. Ваколати собиқ роҳбари Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ Шерализода Шараф бинобар ба вазифаи дигар гузаштанаш қатъкардашуда ҳисобида шавад.

21. Номзадии Абдуғаффорзода Нуъмон ба вазифаи роҳбари Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ маъқул דониста шуда, котиби масъули Шӯро якҷо бо Бонки аврупоии таҷдид ва рушд номзадии зикршударо тибқи тартиби муқарраргардида қабул намоянд.

Котиби масъули Шӯро,
Раиси Кумитаи давлатии
сармоягузорӣ ва идораи амволи
давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ***Имзо*** Ф.Ҳамрализода